# ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунӣ ба лоиҳаи
қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз «31» августи соли 2020, № 105 тасдиқ шудааст» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 20 декабри соли 2021 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 5 августи соли 2021 ҷойгир карда шуда, аз 5 август то 5 сентябри соли 2021 машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. Оид ба иштирок накардани шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ дар раванди машварати оммавӣ, дар хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти |

| | |
|---|---|
| хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 октябри соли 2021, №447/1с дарҷ гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Айни замон аз ҷониби як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабули пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ тариқи QR-рамз ба роҳ монда шудааст. Ҳар як ташкилоти қарзии молиявӣ QR-рамзи худро таҳия намудаанд ва мизоҷони ташкилоти қарзии дигар наметавонанд ба воситаи ҳамёнҳои электронии худ ва ё бонкинги мобилӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ пардохтро тариқи QR-рамз амалӣ намоянд, ки чунин ҳолат ба мизоҷон вазъияти ногуворро ба миён овардааст.<br>Бо сабаби мавҷуд набудани талаботи ягонаи QR-рамз ва тартиби ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи амалиётҳо тавассути QR-рамз зарурат пеш омадааст, ки лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия карда шавад.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани лоиҳаи мазкур, ба истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ аз ҷониби аҳолӣ ҳангоми анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути QR-рамз дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва зиёд гардидани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар монеа шуда метавонад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Дар солҳои охир ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири пардохтиро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имконияти осону мусоид ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро бо истифода аз хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва ҳамёнҳои электронӣ бомуваффақият пешниҳод намуда истодаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ чораҳои андешидашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои афзоиш ёфтани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат |

| | |
|---|---|
| | намуда истодаанд.<br>Давлат барои ҷорӣ намудан ва вусъат додани хизматрасониҳои муосири пардохтӣ бо истифода аз хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ҳавасманд мебошад, зеро сиёсати мазкур барои таъмин намудани пардохтҳои чакана ва интиқоли маблағ, паст намудани хароҷотҳои муомилоти пули нақд равона гардида, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳоро таъмин ва барои ташаккули фазои озоди рақобатпазирӣ ва пешбурди фарогирии молиявӣ мусоидат менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Бо мақсади роҳандозии технологияи молиявию инноватсионӣ барои васеъ намудани хизматрасонии бонкӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ҷорӣ намудани талаботи таҳияи QR-рамзи ягона бо стандарти байналмилалии EMV QR - ҳамчун яке аз усулҳои пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуктаҳои савдою хизматрасонӣ, инчунин тартиби ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи чунин амалиётҳо, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуд.<br>Қабули лоиҳаи мазкур боиси он мегардад, ки маблағҳои ғайринақдии мизоҷон тавассути модули пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар реҷаи вақти воқеӣ, саривақт ва бехатар интиқол гардида, дар маҷмӯъ барои зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ мусоидат намояд.<br>Лоиҳаи мазкур чораҳои мазкурро пешбинӣ менамояд:<br>- муқаррар намудани талаботи ягонаи QR-рамз бо стандарти байналмилалии EMV QR барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки хизматрасонии |

| | |
|---|---|
| | қабули пардохтҳоро тавассути QR-рамз ба роҳ мондаанд;<br>- татбиқ гардидани қисми пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун заминаи техникӣ барои ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар реҷаи 24 соат дар як рӯз, 7 рӯз дар як ҳафта ва 365 рӯз дар як сол;<br>- таъмини ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ, ки бо истифодаи QR-рамз анҷом дода шудаанд, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун маркази ҳисоббаробаркунӣ.<br>Дар доираи лоиҳаи мазкур барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки хизматрасонии QR-пардохтҳоро пешниҳод менамоянд, чунин ӯҳдадориҳо муқаррар карда мешавад:<br>- ҳангоми таҳияи QR-рамз риоя намудани талаботи ягонаи QR-рамз мутобиқи Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- ба қайд гирифтани муассисаҳои савдо ва хизматрасоние, ки QR-пардохтҳоро қабул менамоянд дар феҳристи ягонаи Бонки миллии Тоҷикистон – EMV QR Merchant System;<br>- андешидани чораҳои зарурӣ барои таъмини амнияти бехатарӣ ва/ё пешгирии амалҳои қаллобӣ ё беиҷозат ҳангоми анҷом додани QR-пардохтҳо.<br>Бо қабул намудани рамзи ягонаи EMV QR фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти қабули пардохтҳои ғайринақдӣ ва анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи чунин амалиётҳо ба танзим даровarда мешавад. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Тӯли ду соли охир зарурати ҷорӣ намудани тартиби истифодабарии QR-рамзи ягона аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъалагузорӣ карда мешавад (ҷаласаи Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон санаи 30.07.2019) ва (ҷаласаи иштироккунандагони Ассотсиатсияи тиҷорати |

| | |
|---|---|
| | электронӣ санаи 19.12.2019). Аммо лоиҳаи мазкур то ҳол амалӣ нашудааст. Яке аз мушкилиҳои асосӣ ин набудани маркази ягонаи ҳисоббаробаркунӣ мебошад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон 19 июли соли 2019 Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳоро ҷорӣ намуд, ки аз 3 қисмат иборат буда, яке аз қисматҳои он барои анҷом додани пардохтҳои босуръат, аз он ҷумла QR-пардохтҳо мебошад.<br>Қисмати пардохтҳои босуръати низом барои қабул, коркард ва интиқоли пардохтҳои босуръат дар реҷаи 24 соат дар як рӯз, 7 рӯз дар як ҳафта ва 365 рӯз дар як сол бо ёрии зернизомҳои худ ва маҷмӯи барномавӣ-техникӣ пешбинӣ шудааст, барои ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ, ки бо истифодаи QR-рамз анҷом дода шудаанд, татбиқ карда мешавад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабул гардидани лоиҳаи мазкур ба оқибатҳои мусбии иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:<br>**<u>Оқибатҳои иқтисодӣ:</u>**<br>- ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар қисмати хизматрасонии мизоҷони худ - дорандагони ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳои пардохтӣ;<br>- татбиқи технологияи молиявию инноватсионӣ дар хизматрасониҳои бонкӣ;<br>- рушди тиҷорати муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҳисоби ҷалби бештари мизоҷон;<br>- зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар таъмини шаффофияти иқтисодиёт ва афзоиш ёфтани вориди маблағи андозҳо ба буҷети давлат дар натиҷаи зиёд шудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ.<br>**<u>Оқибатҳои иҷтимоӣ:</u>**<br>- ба аҳолии кишвар-мизоҷони ташкилотҳои қарзии молиявӣ имконияти пардохт намудан тавассути QR-рамзи ягона дар муассисаҳои савдо |

| | |
|---|---|
| | ва хизматрасонӣ ҳамчун усули осон ва қулайи пардохти молу хизматрасонӣ;<br>- афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ.<br>Қабули санади меъёрии мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабул гардидани лоиҳаи мазкур, танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҳавасмандӣ барои шаффофият, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ва пешбурди фарогирии молиявӣ амалӣ мегардад. Болоравии ҳиссаи фарогирии молиявӣ, афзоиши шумораи суратҳисобҳои бонкӣ, васеъ гардидани имкониятҳои дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, зиёд шудани шумораи хизматрасониҳои бонкӣ, нишондиҳандаҳои асосии инкишофи тартиби мушаххаскунии фосилавӣ буда, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳармоҳа нишондиҳандаҳои мазкурро ҷамъоварӣ намуда, мавриди таҳлил қарор медиҳанд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 30 декабри соли 2021 |

Муовини Раис Накҳатзода М. К.